# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 оид ба ҳимояи диссертатсияҳо ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D020100 - фалсафа ва 6D020600 - диншиносӣ, ки дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъсис ёфтааст, доир ба диссертатсияи номзадии Қосимов Қурбонали Абдусамадович дар мавзуи «Муътазила ва фалсафаи ақлгароии он (таҳлили таърихӣ-фалсафӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа пешниҳод шудааст.**

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати доктори илмҳои фалсафа (09.00.03 – Таърихи фалсафа), профессор Худойдодзода Ф.Б. - раиси комиссия; доктори илмҳои фалсафа (09.00.03 – Таърихи фалсафа), профессор Диноршоева З.М. - аъзо; доктори илмҳои фалсафа (09.00.03 - Таърихи фалсафа) Маҳмадова М. – аъзо, диссертатсияи Қосимов Қурбонали Абдусамадовичро дар мавзуи «Муътазила ва фалсафаи ақлгароии он (таҳлили таърихӣ-фалсафӣ)», ки ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа пешниҳод шудааст, мавриди ташхис қарор дода, муайян намуд:

Таҳқиқоти диссертатсионии Қосимов Қурбонали Абдусамадович ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳими соҳаи таърихи фалсафа бахшида шудааст. Комиссия бо андешаҳо ва хулосаҳои диссертант дар бораи таҷдиди назар намудани мероси фалсафии мактабҳои ақлгароии ислом, ки муътазила аз ҷумлаи аввалини онҳост ва пайравони ин мактабҳо барои ҳаллу фасли масъалаҳои баҳсбарангези пайдоиши олам ва инсон, барои муайян намудани роҳҳои таҳаввулоти зеҳнӣ дар мисоли ақлгароӣ саҳми бузург гузошта буданд; барои рушди фарҳанги маънавии ҷомеа, муносибатҳои одамон дар шаклҳои гуногуни ҳамзистӣ ва муборизаи фикрӣ-ақлонии мазҳабҳои мухолифи дохилӣ, ки ба шуури иҷтимоӣ таъсири бузург гузоштааст, хеле муҳим аст. Инчунин хулосаи диссертант дар бораи он ки ба иллати он ки дар солҳои охир ба таври назаррас ривоҷ ёфтани ақоиди идеологии исломӣ, ки асосан ба усулҳои бунёдгароӣ асос ёфтаанд ва бо ҳар роҳу восита, аз ҷумла бо роҳи зӯрӣ барпо намудани ҷомеаи ба истилоҳ ормонии исломиро тарҳрезӣ мекунанд, ба мушоҳида мерасад, руҷуъ овардан ба таълимоти муътазила, ки аввалин мактаби ақлгароиро дар шароити асримиёнагии ислом ба вуҷуд оварда буданд, дар ҳаллу фасли мушкилоте, ки ҷамоатҳои гуногуни муосирро ба ташвиш овардааст, аҳамияти хосса дорад: дар

муборизаи пайравони дин ва ҳаёти дунявӣ муътазила қодир аст барои баррасӣ ва таҳлили масъалаҳои ормонии динӣ ва дунявӣ хидмат намуда, ҳамчун як навъ қолаби классикӣ мавриди истифода қарор гирад.

Дар ин раванд Тоҷикистон, ки имрӯзҳо ҷомеаи дунявӣ ва давлати миллӣ месозад ва мақоми ақлгарой дар фарҳанги муосири он хеле бузург буда, ҳамзамон дар рушди хеш ба анъанаҳои мардуми кишвар такя мекунад, аҳамияти анъанаҳои ақлгароии муътазила комилан бо равиши дунявии сиёсати имрӯзаи давлат мувофиқат дорад.

Ташхиси рисолаи мазкур нишон медиҳад, ки муаллиф дар самти таҳқиқи масоили таърихи фалсафа кори мушаххас ва шоистаи илмиро анҷом додааст. Дар диссертатсия сарчашмаҳои аввал ва муътабари илмӣ мавриди истифода қарор гирифтааст, ки ин аломати комилан ворид будани муаллиф ба иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва мустақилияти ба кор бурдани сарчашмаҳо ва тақиқоти илмии вобата ба мавзуи диссертатсионии ӯ ба ҳисоб меравад. Муаллиф вобаста ба мавзуи кори илмиаш дар маҷаллаҳое, ки онҳоро КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст, мақолаҳо чоп намуда, дар конфронсҳои илмӣ баромаду гузоришҳо кардааст.

Ҳадаф ва вазифаҳои кори таҳқиқотӣ ба талаботи меъёрҳои муқарраршуда мувофиқ буда, ҳамоҳанг бо қисмати навгониҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мебошанд.

Навгонии илмии таҳқиқот ба таври мушаххас дар чунин натиҷаҳо инъикос ёфтааст:

- дар ҳудуди пасошӯравӣ масъалаи ақлгароии муътазила ба таври муназзам ва мушаххас бори нахуст мавриди таҳлил қарор гирифт;

- ба исбот расидааст, ки синтези ғояҳо, назарияҳо ва таълимоти динҳо ва мактабҳои фалсафию динии гуногун барои муътазила майдони муколамаҳо ва мубоҳисаҳоро ба вуҷуд оварда, дар онҳо усулҳо ва шаклҳои таҳқиқоти масъалаҳо мавриди озмоиш қарор гирифта, барои пайдоиши фалсафаи исломӣ замина муҳайё кардаанд;

- исбот гардид, ки дар таълимоти мутафаккирони муътазила тамоюлоти ақлонии фалсафаи он хусусияти муайянкунандагӣ дорад;

- муқаррар ва тасдиқ гардид, ки барои консепти ақлгароии муътазила панҷ усул (*ал-усул ул-хамса*)-и муътазила ҳамчун асоси назариявии таҳқиқи мубоҳисавии ақл ва имон мақоми калидӣ дорад;

- нақши ақл ва маърифати ақлонии муътазила ҳангоми дарки масоили метафизикӣ ва табиатшиносӣ аз ҷониби пайравони он ба исбот расида, муқаррар гардид, ки дар онҳо мақоми ақл бар эътиқод болотар

гузошта шудааст. Ба ин васила барои рушди донишҳои ақлонии инсон асос гузошта мешавад.

Натиҷаҳои бадастоварда ва хулосаҳои ҷамъбастшудаи диссертатсия ҳангоми таълими курсҳои таърихи фалсафа, фалсафаи иҷтимоӣ, диншиносӣ, фарҳангшиносӣ, сиёсатшиносӣ, низоъшиносӣ ва муносибатҳои миллӣ ба кор рафта метавонанд. Муқаррароти дар диссертатсия пешниҳодшуда барои сохторҳои давлатӣ ва шахсӣ, ки фаъолияти онҳо бо рушди муносибатҳои фарҳангӣ бо кишварҳое, ки дар он ҷо муносибатҳои ақлгароӣ ривоҷ меёбанд, муфид буда метавонанд.

Дар натиҷа ҳайати комиссия ба чунин хулоса омад:

1. Диссертатсияи илмӣ-таҳқиқотии Қосимов Қурбонали Абдусамадович дар мавзуи «Муътазила ва фалсафаи ақлгароии он (таҳлили таърихӣ-фалсафӣ)» ба талаботи бандҳои 31-33-и «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- юми июни соли 2021 таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Муаллиф тавонистааст, ки диссертатсияи худро дар доираи низом ва сохтори дуруст мураттаб сохта, объект ва предмети таҳқиқро дар робита бо мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда, навгониҳои илмӣ ва тавассути методологияи илмӣ-фалсафӣ таҳлилу баррасӣ ва натиҷагирӣ намояд;

2. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсияи пешниҳодшуда бо шиносномаи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа, мувофиқ мебошад;

3. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот, хулоса ва тавсияҳои Қосимов Қ.А. дар 3 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд ва ду мақолаи дигар дар маҷаллаҳои илмӣ-таҳқиқоти ғайри он ба чоп расидаанд. Теъдод ва ҳаҷми маводи чопшуда ба банди 35-и «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти № 267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат менамоянд;

4. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Қосимов Қ.А. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровaрда шудаанд, ки аз риоя шудани банди “Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ” гувоҳӣ медиҳад;

5. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Қосимов Қ.А. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои таҳқиқотие, ки аз ҷониби диссертант чоп нагардидаанд, вуҷуд надорад;

6. Мутобиқи бандҳои 62-63-и Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, комиссия пешниҳод менамояд: диссертатсияи Қосимов Қурбонали Абдусамадович дар мавзуи «Муътазила ва фалсафаи ақлгароии он (таҳлили таърихӣ-фалсафӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа ба Шурои диссертасионии 6D.КОА-029 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

Комиссияи экспертӣ дар асоси натиҷагириҳои фавқуззикр пешниҳод мекунад:

1) Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншо Шотемур таъйин карда шавад;

2) Ба ҳайси муқарризони расмӣ ба диссертатсияи Қосимов Қ.А. мутахассисони зерин таъйин карда шаванд:

- Раҳимов Муҳсин Ҳусайнович - д.и.ф., профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ.

- Маҷидов Диловар Ҳафизович, номзади илмҳои фалсафа, мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода.

7. Барои нашри эълон дар бораи ҳимояи диссертатсия ва ворид намудани автореферати диссертатсия ва эълони ҳимоя дар сомонаи ДМТ ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

8. Барои чоп намудани автореферати диссертатсия иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои фалсафа, профессор Худойдодзода Ф.Б.

Аъзоёни комиссия:
Доктори илмҳои фалсафа, профессор Диноршоева З.М.

Доктори илмҳои фалсафа Маҳмадова М.Ф

Подпись заверяю
Начальник УК РТСУ
Рахимов А.А

08.09.2023